**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон. – Душанбе, 2026. – 360 с.**

Диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён ба мавзуи муҳим, яъне баррасии ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) бахшида шудааст. Ба назари мо, таълифи чунин рисола дар даврони соҳибистиқлолӣ барои густариш ёфтани забони давлатӣ иқдоми саривақтӣ маҳсуб меёбад. Итминони комил дорем, ки таълифи диссертатсияи мазкур дар тарҳи масъала ва ҳалли баъзе мушкилоти забоншиносии тоҷик мусоидат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуну муҳтавои диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар рамзи шиносномаи ихтисоси илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ дар масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ таҳқиқотҳои чашмрас ба сомон расонидаанд, вале оид ба ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ таҳқиқи ҷудогона ва қобили мулоҳиза сурат нагирифтааст. Бинобар ин, иқдоми унвонҷӯ Вализода Ҳокимхон Сафолиёнро, ки дар диссертатсияи мавриди назар – ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди онро дар як давраи муайян мавриди таҳлили густурдаи забоншиносӣ қарор додааст, шоиста ва қобили таҳсин арзёбӣ менамоем. Пажуҳиши унвонҷӯ дар шинохти масъалаи мавриди таҳқиқ дар як давраи муайян сурат гирифта, як таҳқиқи анҷомёфта дар забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад, зеро унвонҷӯ бо такя ба пажуҳишҳои ватаниву хориҷӣ тавонистааст дар робита ба ташаккули забоншиносии навини тоҷик назарҳои арзишманд пешниҳод намояд. Илова бар ин, пажуҳиши мазкур маводди арзишманде барои муҳаққиқони ояндаи риштаи назарияи забон шуда метавонад. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи ташаккул ва марҳилаҳои он барои таърихи афкори забоншиносии навини

тоҷик, рушди марҳилаи ҳозира, таълифи китобҳои дарсии зинаҳои гуногуни таълим аз фанни забони тоҷикӣ ва дастури академикӣ аҳаммияти бузурги назарӣ ва амалӣ дорад.

Дар диссератсия унвонҷӯ саҳми чеҳраҳои барҷастаи забоншиносони тоҷикро нишон додааст.

Албатта, муҳиммияти дигари мавзуи таҳқиқии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи он равандҳои шаклгирӣ ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳадафи асосии диссертатсия ин муайян кардани омилҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккули забоншиносии навини тоҷик, махсусан, дар нимаи дуюми асри XIX ва то солҳои 70-уми асри XX мебошад.

Унвонҷӯ тамоми маводди дастрас шуруъ аз соли 1840-и асри XIX то солҳои 70-уми асри XX-ро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Дар асоси маводди таҳқиқшаванда ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик ва рушди онро дар ҳар марҳила вобаста ба омилҳои таъсиргузор муайян ва натиҷагирӣ намудааст.

Дар диссертатсия барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин ҳаллу фасл гардидаанд. Аз ҷумла, асосҳои назариявӣ, мафҳум, омилҳо, ҳадафҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Объекти таҳқики диссертатсияро осори илмӣ-пажуҳишии шарқшиносони русу тоҷик аз соли 1840 то Инқилоби Октябр ва осори илмии муҳаққиқони забоншинос роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик баъд аз Инқилоби Октябр то замони бозсозӣ фаро мегирад.

Мавзуи пажуҳишро мабоҳиси марбут ба "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" ташкил додааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтааст: баррасии ташаккул ва рушди забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар солҳои 1840 то замони бозсозӣ; таҳқиқи манбаъ ва омилҳои ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷик дар заминаи марҳилаҳои таърихӣ; бо далелҳои фаровон тақсимбандии марҳилаҳои ташаккул ва рушди афкори забоншиносии

навини тоҷик ба ду давра: давраи то Инқилоби Октябр ва давраи пас аз Инқилоби Октябр; баррасии марҳилаи дуюм, яъне замони инкишофу ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва амсоли инҳо.

Бояд қайд намуд, ки нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда дар диссертатсия муваффақона ҳаллу фасл гардидаанд. Инчунин, хулосаҳои илмии бадастомадаи диссертатсияи мазкур барои навиштани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ доир ба назарияи забон ва гузаронидани курсу семинарҳои махсус дар факултетҳои филология ва шарқшиносии макотиби олӣ имкон дорад, хидмат намояд.

Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқи мавриди назар ба дақиқ будани маълумот, фаровонии ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ ва коркарди натиҷаҳои бадастомада ва ҳаҷми интишорот алоқаманд мебошад. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд, муътамад ва қобили пазироӣ мебошанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар заминаи маводди фаровони солҳои 1840 то замони бозсозӣ, ки он ба рушди минбаъдаи илми забоншиносӣ, такмили асосҳои методологӣ ва амиқтар дарк намудани афкори забоншиносии навини тоҷик мусоидат мекунад, ҳаматарафа ва ба таври густурда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки ҷараёни ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар замони шуравӣ аз марҳилаи дуюм (солҳои 1925-1926) то замони бозсозӣ муназзам дар асоси маводди фаровон муайян карда шудааст, ки он барои мукаммал гардидани ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он дар замони Истиқлол ва таҳияи китобу дастурҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот, дастури ҷомеи забони тоҷикӣ ва хондани курс-семинарҳои тахассусӣ маводди фаровон дода метавонад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводди фаровон оид ба ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилахои рушди он (солҳои 1840 то замони бозсозӣ), омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи

баҳс, таҳия намудани мақолаву маърузаҳо оид ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.

Инчунин, интихоб ва бандубасти илмии мавзуъ дар мувофиқа бо мушовири илмӣ сурат гирифта, саҳми довталаб дар муайян намудани ҳадафҳои асосӣ, коркарди мавод, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмии мавзуи интихобшуда зоҳир мегардад.

Диссертатсияи Зализода Ҳокимхон Сафолиён дар илми забоншиносии тоҷик пажуҳиши нав ва мубрам маҳсуб меёбад. Дар рафти таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба ҳалли масъалаҳои муҳимми дар пеш гузошташуда, аз ҷумла, таҳқиқи мукаммали таърихи афкори забоншиносии навини тоҷик дар асоси маводди фаровон аз соли 1840-уми асри XIX то замони бозсозии асри XX муваффақ шудааст.

Диссертасия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии тадқиқ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 360 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои асосии таҳқиқ асоснок гардида, дар бобати мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нукоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар қисматҳои анъанавӣ ба таври фишурда сухан меравад.

Боби якуми диссертатсия **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX”** фарогири панҷ фасл буда, дар он таҳқиқоте, ки аз ҷониби донишмандон оид ба вазъи афкори забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX сурат гирифтааст, маълумот дода шудааст.

Унвонҷӯ дар ин боб ба хулосаи дуруст омадааст, ки то Инқилоби Октябр муҳаққиқони эроншиноси Русияи подшоҳӣ, аз як тараф, ба урфу одатҳои мардуми тоҷик, фарҳанг ва рӯзгори онҳо аз наздик шинос мешаванд, аз ҷониби дигар, барои роҳро васеътар кушодан ба ин сарзамин баъзе дастурҳои роҳнамо аз забони ин мардум менависанд ва шеваҳои тоҷикиро ба таҳқиқ мегиранд.

“Таърихи ташаккули забоншиносии навини тоҷик, ҳарчанд дар замони шуравӣ, аниқтараш, солҳои 20-30-юми асри XX шакл гирифта бошад ҳам, шуруи он ба нимаи дуюми асри XIX таалluқ дорад. Аммо дар Русия, чи дар

марказҳои калонтарини он мисли Санкт-Петербургу Москва ва чи шаҳрҳои дигари музофотҳо ба мисли Қазону Харков таълими забони форсӣ ба роҳ монда шуда, ҳанӯз аз ибтидои асри XIX, ҳамзамон, дастурҳои роҳнамо ва китобҳои дарсӣ ба нашр мерасанд" (с. 24).

Ҳадафи асосии унвонҷӯ низ нишон додани таъсири ин грамматикаҳо ба дастурҳову китобҳои дарсии мактабҳои миёнаву олӣ аз фанни забони тоҷикӣ ва дар заминаи онҳо ташаккули забоншиносии навини тоҷик аст.

Боби дуюм **"Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-30- юми асри XX"** ном дошта, аз 2 фаслу 10 зерфасл иборат аст.

Доир ба боби мазкур чунин омадааст, ки вазъи забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-30-юми асри XX якрангу якнавохт нест, балки ниҳоят пурпечутоб буда, ивазшавии бинишу афкори қадиму ҷадид сурат мегирифт, ба тарзи дигар гӯем, давраи гузариш маҳсуб меёфт. Масалан, он аввалин грамматикаҳое, ки солҳои 60-80-уми асри XIX навишта шуда буданд, барои шунавандагони синфҳои махсуси донишкадаҳои забонҳои шарқ ва қисман барои он мансабдороне, ки дар Туркистон ба халқи маҳаллӣ сару кор доштанд ва донистани забони аҳолии маҳаллӣ барояшон зарур буд, тартиб дода шуда буданд, аммо аҳаммияту моҳияти ин китобҳо баъдтар аз ҳадди назардошти онҳое, ки ин китобҳоро ба нашр расонида буданд, берун рафта, дар кори ба вуҷуд овардани китобу дастурҳои мукаммал аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ асос мегарданд. Ва аз ҳама муҳим ин буд, ки аксари муаллифону мураттибони дастуру китобҳои дарсӣ намояндагони халқи маҳаллӣ ё аз ҷумлаи хатмкардаҳои мактабҳои русӣ-маҳаллӣ буданд ва ё аз шумори равшанфикроне буданд, ки тарғибу таблиғи илму маданияти рус ва низоми таълим бо забони тоҷикӣ  мақсаду мароми онҳо маҳсуб меёфт. Ба ин гурӯҳи муаллифон Мирзосаид Абдусалом, Муҳаммадрасул Расулӣ, Маҳмуд Хоҷа Беҳбудӣ, Исматулло Раҳматуллозода ва чанде дигарон дохил мешаванд.

Аз ин рӯ, ба андешаи муҳаққиқ дар давраҳои оянда омӯзиши забони тоҷикӣ таҳқиқу муайян намудани сохтори фонетикии забони тоҷикӣ, низоми морфологии он шуруъ мешавад. Дар ин замина мураттаб сохтани алифбои нави тоҷикӣ, ба вуҷуд овардану мувофиқ кунондани низоми истилоҳот ба роҳ монда мешавад.

Боби сеюми диссертатсия **“Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 40-50-уми асри XX”** ном дошта, аз як фасл ва се зерфасл иборат аст.

Дар ин боби диссертатсия унвонҷӯ аз ҷиҳати илмӣ дуруст ишора мекунад, ки як вижагии ин марҳилаи рушди афкори забоншиносии навини тоҷик ин аст, ки дар ин давра дар қатори баъзе муҳаққиқони шарқшиноси русу насли калонсоли донишмандону адибони тоҷик як зумра олимону адибони ҷавони умедбахши маҳаллӣ низ ба майдони илми забоншиносӣ ворид гардиданд.

“Дар солҳои 40-50-уми асри XX дар таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ, таълифи китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои зинаҳои гуногуни таҳсилот ва пажуҳиши шеваҳои тоҷикӣ бисёр муҳаққиқон, аз ҷумла, В. С. Расторгуева, Т. Зеҳнӣ, О. Сухарева, Ҳ. Бақозода, Б. Ҳодизода, С. А. Арзуманов, С. Н. Нестеренко, Л. Бузургзода, Ҳ. Каримов, А. Мирзоев, М. Ғафуров, Ш. Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Деҳотӣ, Б. Раҳимзода, Д. Тоҷиев, М. Фозилов, М. Исматуллоев, М. Эшонҷонов ва дигарон хеле фаъол буданд” (с. 158). Асарҳои илмии ин олимони тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби чоруми диссертатсия **“Масъалаҳои забон-шиносии навини тоҷик дар солҳои 60-уми асри XX”** унвон дошта, аз як фасл ва 8 зерфасл иборат мебошад.

Дар боби мазкур роҷеъ ба масъалаҳои забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 60-уми асри XX сухан ба миён гузошта шуда, муҳаққиқ солҳои 60-уми асри XX марҳилаи асосии инкишофи илми забоншиносии навини тоҷик маҳсуб дониста, дар ин давра бисёр асарҳои ҷамъбастӣ дар бораи шеваю гӯйишҳои тоҷикӣ ва бахшҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик таълифу нашршударо баррасӣ намудааст.

Ҳамин тавр, дар солҳои 60-уми асри XX дар илми забоншиносии навини тоҷик забоншиносоне, ба монанди Т. Зеҳнӣ, В. С. Расторгуева, Б. Ниёзмуҳаммадов, А. Мирзоев, Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М. Фозилов, М. Беҳбудӣ, Р. Л. Неменова, А. З. Розенфелд, А. Л. Хромов, Х. Ҳусейнов, М. Қосимова, С. Ҳалимов, Б. Камолиддинов, Р. Х. Додихудоев, Ш. Рустамов, А. Каримов, М. Муҳаммадиев, Ҳ. Маҷидов ва дигарон ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ машғул шуданд.

Боби панҷуми диссертатсия **“Андешаҳои муҳаққиқони забон дар солҳои 70-уми асри XX”** номгузорӣ гардида, аз як фаслу дувоздаҳ зерфасл иборат мебошад.

Дар боби мазкур марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳои пажуҳишу таҳқиқи бахшҳои мухталифи илми забоншиносии тоҷик дар солҳои 70-уми асри XX мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки муҳаққиқони забоншиноси тоҷик оид ба қисматҳои гуногуни забоншиносии навини тоҷик дастуру китобҳои дарсӣ, мақолаву рисолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Дар ин давра омӯзиши муқоисавии масъалаҳои гуногуни забоншиносии тоҷик низ равнақ мегирад.

Унвонҷӯ дуруст таъкид менамояд, ки дар забоншиносии навини тоҷик ҳарчанд, ки мавзуи исм ҳадафи тадқиқу омӯзиши зиёд қарор гирифта шуда бошад ҳам, аммо бисёр масъалаҳои печидаву душвори он ҳал нашуда мондаанд, бинобар таҳқиқи бунёдиву ҷамъбастии он зарур гардид, чаро ки исм дар паҳлуи феъл аз муҳимтарин ва асоситарин ҳиссаҳои нутқ ба шумор меравад.

Дар қисми хулоса натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи ӯ баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

Хулосаи асосии диссертатсия дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 19 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаҳои илмии конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба нашр расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ализода Ҳокимхон Сафолиён муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз салоҳият ва лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, диссертатсия аз камбудиҳои ҷузъӣ низ орӣ нест. Ба пиндори мо, рафъи баъзе аз онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмии муаллиф аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла, дар

диссертатсия чунин камбудиҳо ба назар мерасанд:

1.Байни вазифаҳои таҳқиқ ва муҳтавои асосии масъалаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда як навъ монандӣ дида мешавад;

2. Боби якуми диссертатсия "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX" номгузорӣ шуда, дар он таҳқиқоте, ки аз ҷониби донишмандон оид ба вазъи афкори забоншиносии навини тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX сурат гирифтааст, маълумот оварда шудааст, аммо хронологияи таҳияи ин мавод аз тарафи муаллиф риоя нашудааст;

3. Боби дуюми диссертатсия ба баррасии ташаккули забоншиносии навини тоҷик дар солҳои 20-30-юми асри XX бахшида шудааст, вале фасли дуюми он аз назари бандубаст ва сохтори муҳтавои ба масъалаи асосӣ чандон алоқаманд нест;

4. Дар боби сеюми диссертатсия муҳаққиқ ташаккули забоншиносии навини тоҷикро дар солҳои 40-50-уми асри XX муфассалу мудаллал таҳлил карда бошад ҳам, вале масоили баррасишаванда дар бахши хулоса камтар тавзеҳ шудааст;

5. Забони диссертатсия ва автореферат равону илмӣ бошад ҳам, дар баъзе саҳифаҳо (9, 15, 24, 66, 73, 80, 97, 201 ва ғайраҳо) ҷумлаҳои носуфта мушоҳида мешаванд;

6. Ҳарчанд дар навиштани диссертатсия талаботи имло риоя шуда бошад ҳам, вале дар он ҳанӯз баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникиву китобат ба чашм мерасанд (с.7, 8, 15, 23, 28, 32, 90, 96, 115 ва ғайра).

Норасоиҳои дар диссертатсия ҷойдошта ҷузъӣ буда, ҳеҷ гоҳ муҳтавои диссертатсияро коста намегардонанд.

Диссертатсияи Ваlизода Ҳокимхон Сафолиён бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.2. Назарияи забон таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Ваlизода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи

бандҳои 31-35-и Тартиби доани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
муовини директори Филиали Муассисаи
давлатии автономии таҳсилоти олии касбии
"Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии
МИСИС дар шаҳри Душанбе" Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович

1 августи соли 2026

**Нишонӣ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Фирдавсӣ, хонаи 62, хуҷраи 9.
Почтаи электронӣ: aa.nozimov@mail.ru
Тел.: (+992) 900-82-28-82

Имзои д.и.ф., профессор А.А.Нозимовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Филиали Муассисаи
давлатии автономии таҳсилоти олии касбии
"Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии
МИСИС дар шаҳри Душанбе" Зарипова М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Нишонӣ:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Назаршоев, 7.
Филиали Муассисаи
давлатии автономии таҳсилоти олии касбии
"Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии
МИСИС дар шаҳри Душанбе"
Почтаи электронӣ: ttucdo@mail.ru
Тел.: (+992) 222-20-02